# Фишурдаи нишасти матбуотӣ дар бораи фаъолияти Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми 2023 (ш. Душанбе, 3.08.2023)

Опубликовано 31 июля, 2023 - 15:33 пользователем Ҳайати тадорукот
[1]

Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2023 фаъолияти худро дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030», «Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ» ва дастуру супоришҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳ монда, вазифаи пешбурди сиёсати забони давлатӣ ва ба танзим даровардани меъёрҳои ҳуқуқии марбут ба забони давлатиро амалӣ менамояд.

Санҷиш ва омӯзиши вазъи иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқи Низомномаи Кумита яке аз ваколатҳои асосии Кумита ба шумор рафта, риояи татбиқи бевоситаи меъёрҳои Қонуни мазкурро дар вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин, корхона, муассиса ва дигар ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликият мунтазам назорат менамояд.

Мутобиқи Нақшаҳои кории Кумита барои нимсолаи якуми соли 2023 гурӯҳи кории Кумита (моҳи май) мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шуъбаи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, шуъбаи маорифи шаҳри Хуҷанд, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шуъбаи маориф ва Бахши сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ноҳияи Спитамен ва (моҳи июн) мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шуъбаи маориф, бахши САҲШ, беморхонаи марказии ноҳияи Нурободро мавриди назорат ва санҷиш қарор доданд.

Дар давраи ҳисоботӣ Кумита беш аз 20 фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро дар шаҳру ноҳияҳои кишвар мавриди санҷиш қарор дода, ба номгузории 35 адад номгузории муассисаю ташкилот ва ҶДММ хулоса пешниҳод намудааст, ки дар муқоиса бо соли гузашта 20 адад ё 42,8% зиёдтар мебошад.

Аз натиҷаи санҷиш оид ба камбудиҳои ҷойдошта дар дигар ҷамъиятҳо аз ҷониби гурӯҳҳои кории Кумита корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуда, ҷиҳати бартараф намудани камбудию норасоиҳои мавҷуда тавсияву пешниҳодҳои мушаххас дода шуд. Ҳамзамон, барои ислоҳи камбудиҳо ва оҷилан бартараф намудани онҳо санад тартиб дода шуда, ба ҷамъиятҳои мазкур пешниҳод карда шуданд.

Дар умум, дар нимсолаи якуми соли 2023 аз ҷониби Кумита ҷиҳати риояи вазъи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030», «Дар бораи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» ва «Дар бораи Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ» фаъолияти 13 адад мақомоту муассисаҳои давлатӣ ва 11 адад субъектҳои хоҷагидор ва якҷоя бо Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти 2 адад мақомоти давлатӣ (ноҳияи Варзоб) мавриди назорату санҷиш қарор гирифтаанд.

Дар нимсолаи якуми соли 2023 гурӯҳи кории мазкур дар ҳамкори бо дигар идораю ташкилотҳо 197 адад маводи ташкилоту соҳибкорони инфиродӣ ва муассисаҳои рекламаистеҳсолкунандаро ҷиҳати забони матни ангораҳо ва навиштаҷоту овезаҳои рекламавӣ мавриди баррасӣ қарор дода, онро мувофиқа намуд. Нишондиҳандаи мазкур дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2022 (дар соли 2022, 98 адад) 99 адад ё 49,7% зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ, дар доираи ҳамкорӣ бо Муассисаи давлатии «Рекламаи беруна ва ороиши шаҳри Душанбе» намояндагони Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дигар хадамоту мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ вобаста ба назорати матни шиору овезаҳо, навиштаҷоти ғалату бегона ва номгузориҳои ғайримеъёрии марказҳои хизматрасонӣ ва нуқтаҳои савдо аз ҷониби гурӯҳи корӣ назорати санҷишӣ гузаронида шуд. Дар натиҷа, шиору овезаҳои ғайримеъёриву пур аз ғалати имлоӣ барканда шуда, ҳамчунин, ба соҳибкорони инфиродии ташкилоту марказҳои хизматрасонӣ ва нуқтаҳои савдо ҷиҳати ғайримеъёрӣ будани номгузориҳо огоҳӣ ва санади ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуданд.

Коркарди истилоҳот, баррасии луғату фарҳангномаҳои пешниҳодгардида яке аз самтҳои асоси фаъолияти кормандони Кумита ба ҳисоб меравад. Дар ин давра, Кумита вобаста ба баррасӣ ва ҳамгунсозии истилоҳоти соҳавӣ маводу фарҳангномаҳо ва дастуру барномаҳои таълимии зиёдеро баррасӣ намудааст.

Қобили зикр аст, ки дар нимсолаи якуми соли 2023 2 фарҳангномаи тахассусӣ (бо муҳтавои 3960 истилоҳ), 1 маводи марбут ба истилоҳоти соҳавӣ (шомили 123 истилоҳ) ва 8 китобҳои таълимӣ-омӯзишию дастурамалҳои машваратӣ (560 истилоҳоти соҳавӣ), ки дар умум, 4643 вожаву истилоҳро дар бар мегирад, мавриди баррасӣ ва мувофиқа қарор гирифтааст.

Кумита дар нимсолаи якуми соли 2023 ба теъдоди 46 адад лоиҳаи санадҳои меъёрии

ҳуқуқиро аз нигоҳи экспертизаи забоншиносӣ ва танзиму ҳамгунсозии истилоҳот ва инчунин, ба номгузории 20 муассисаи таълим, хулосаи коршиносӣ пешниҳод намудааст.

Мавриди зикр аст, ки дар нимсолаи якуми соли 2023 ба Кумита дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2022 (соли 2022 ба теъдоди 70 адад) 24 адад ё 34,2% камтар лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби вазорату идораҳо пешниҳод гардидааст.

Ҳамзамон, аз ҷониби Комиссияи номгузории номҳои миллии тоҷикӣ ба 398 муроҷиаткунанда оид ба номгузории фарзанд ҷиҳати ба меъёрҳои таърихии номгузории тоҷикӣ ва номгузории суннатии тоҷикӣ мутобиқат накардан номҳои пешниҳодгардида хулосаи рад дода шуда, ба 252 муроҷиаткунанда оид ба номгузории фарзанд хулосаи дастгирӣ пешниҳод намудааст. Инчунин ба 7 маводди судӣ экспертизаи забоншиносӣ хулоса пешниҳод намудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ Кумита дар ҳамкорӣ бо мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ номгузориҳои маҳалҳои аҳолинишини ҳудуди шаҳру ноҳияҳоро баррасӣ намуда, хулоса пешниҳод намуд.

Боиси тазаккур аст, ки барои ивази номҳои ғайримеъёрии объектҳои ҷуғрофии кишвар, ки ҷамъулҷамъ 3522 ададро ташкил медиҳанд, номгузориҳо бо Кумита мувофиқа гардида, аз ҷониби мутахассисони Кумита тавзеҳномаи ҳар як номи объекти ҷуғрофӣ бо шарҳи маънояшон таҳия ва пешниҳод карда шуд.

Дар сомонаи Кумита матни пурраи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми декабри соли 2022 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва мақолаҳои роҳбарият ва кормандони Кумита оид ба шарҳу тавзеҳи Паём ҷойгир карда шудаанд, ки он ба истифодабарандагони сомонаи Кумита манзур гардида, дар роҳи амалисозии Паём ҷиҳати иҷрои дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат раҳнамо буда метавонад.

Дар давраи ҳисоботӣ, дар умум, кормандони Кумита дар 32 чорабинии илмию фарҳангии вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳои ҷумҳурӣ ва дар 24 машғулияти семинарии вазорату идораҳо оид ба омӯзиши «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» иштирок намуданд.

Қобили зикр аст, ки дар маҷаллаи «Забон ва истилоҳот» саҳифаи махсуси шарҳу тавзеҳи истилоҳоти навини тахассусӣ ҷой дода шудааст, ки дар ин саҳифа мунтазам истилоҳоти коркардшуда ва нави соҳавӣ бо забони давлатӣ манзури хонандагон мегардад.

Дар давраи ҳисоботӣ кормандони Кумита дар 26 барномаҳои телевизионӣ ва 16 барномаи радиоӣ иштирок намуданд, ки фарогири мавзуъҳои пешбурди сиёсати давлатии забон, номгузории фарзандон, номгузории ташкилоту муассисаҳо ва марказҳои хизматрасонӣ, таблиғи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар масоили истилоҳнигорӣ мебошад.

Қобили зикр аст, ки бо мақсади иҷрои банди 13-и Нақшаи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.11.2020, №647 тасдиқ гардидааст, аз ҳисоби мутахассисон ва барномасозони маҳфили «Посдорон ва дӯстдорони забони давлатӣ»-и Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал дар кишварҳои Осиёи Марказӣ барномаи кор кардан бо Интернет ва сомонаҳо, яъне браузери нав (ҷустуҷӯгари нав) – Барномаи танзими Mozilla Firefox бо забони тоҷикӣ таҳия ва амалӣ карда шуд, ки он аз рӯзи 9-уми майи соли равон дар шабакаи Интернет ҷой дода шудаву фаъол мебошад.

Забони тоҷикӣ бо чунин барномаи интернетӣ неру ва тавонмандии воқеии худро дар ҷаҳон нишон дода, дар барномаҳои ҷаҳонӣ муаррифӣ мешавад, ки дар байни 190 забон дар даҳ ҷойи аввали забонҳои шабакаи интернетӣ қарор дорад. Мутахассисони барномасози Кумита беш аз 2 сол дар таҳияи Барномаи танзими Mozilla Firefox заҳмат кашида, ниҳоят ба комёбӣ муваффақ шуданд.

Фаъолият дар шабакаи интернетӣ ва сомонаҳо тариқи Барномаи танзими Mozilla Firefox, ки бо забони тоҷикӣ мебошад, муносиб ва осон буда, дар рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон як иқдоми нек ба шумор меравад.

Бояд зикр намуд, ки дар Кумита почтаи электронӣ: info@kumitaizabon.tj [2] фаъолият менамояд ва дар нимсолаи якуми соли 2023 аз он 10 миллиону 775 ҳазор (дар умум, 64 миллиону 820 ҳазор) муштарӣ истифода намудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар давраи ҳисоботӣ дар Кумита 978 содироти мактуб ва гузоришу хулосаҳо, аз ҷумла, 70 мактуб ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 908 мактуб ба вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар муҳлатҳои муқарраргардида аз ҷониби Кумита ирсол гардидааст.

Инчунин, дар нимсолаи якуми соли 2023 ба Кумита 1860 муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ

тавассути телефон, шабакаи интернет, электронӣ ва дар ҷараёни қабули рӯзҳои шанбе (926 адад мурожиати шифоҳӣ) ворид гардидааст, ки Кумита ба онҳо ҷавобҳои мушаххас гардонидааст.

Кумита дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд низ тамоми неруи худро баҳри назорат ва татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо дарки амиқи сиёсати хирадмандонаи пешгирифтаи Пешвои миллат оид ба рушди забони давлатӣ чораҳои муассир меандешад.

**Рейтинг контента:** 5

Средняя оценка: 5 (5 голос)

Rate

## Категория:

- Гузоришҳо [3]
- Ахбори рӯз [4]
- Фаъолият [5]

-

-

•

- 

**Источник::**http://kumitaizabon.tj/ru/node/6946

**Ссылки**
[1] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/20230803_080719.jpg [2] mailto:info@kumitaizabon.tj [3] http://kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/28 [4] http://kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/10 [5] http://kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/24 [6] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20230803_080505.jpg [7] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20230803_080719.jpg [8] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20230803_081955.jpg [9] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20230803_082032.jpg [10] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20230803_082324.jpg [11] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20230803_083450.jpg [12] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/20230803_083510.jpg